«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х. ____________
«_02_» июни соли 2023

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия ва автореферати доктории Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Захираи инсонӣ, чунонки маълум аст, бузургтарин нерӯи ҳар як ҷомеа буда, рушди он тавассути истифода аз дастовардҳои муҳимтарини педагогика дар раванди таҳаввулоти бузурги сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳҳои рушди педагогика барои тавонманд кардани нерӯи инсонӣ, таълиму тарбияи насли нави ҷавобгӯи талаботи даврони муосир ҳамчун ҳадафи мубраму муҳимтарин дар назди илми педагогика ҳамеша боқӣ мемонад. Дар ин росто, аз муҳаққиқони муосир тақозо карда мешавад, ки тамоми паҳлуҳои масъалаҳои педагогикаро бо дарназардошти тағйирёбии фазои таълиму тарбия ва талаботи маънавии ҷомеа ва инсон мавриди пажуҳишу омӯзиши амиқ қарор диҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаққиқони соҳаи педагогика набзи раванди тағйироти ҷомеаро ба хубӣ дарк карда, ба масъалаҳое рӯ меоранд, ки ҷавобгӯи талаботи даврони муосир мебошанд. Гувоҳи равшанӣ ин нукта диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ,

мушкилот ва дурнамои рушд» мебошад, ки дар поён мавриди пешниҳоди тақриз қарор гирифтааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертасионии Раҷабзода Маҳмадулло, ки дар он таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд: банди 1 - методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фаннии педагогика; илмшиносии педагогӣ); банди 2 - таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва истилоҳшиносӣ); банди 9 - таҳқиқоти байнифаннии ҷанбаҳои педагогии таълим (таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни рушди маориф дар асоси ҳамгироии соҳаҳои мухталифи илмии дониш).

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Муаллифи диссертатсия бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда ва ба методҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ такя карда, тавассути таҳияи матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия ва истифодаи мустақилонаи он афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ собит намудааст.

Аҳаммияти коркарди проблемаи илмӣ аз ҷониби довталаб, қабл аз ҳама, дар он зуҳур меёбад, ки он ба масъалаи мубрами илми педагогикаи ватанӣ бахшида шудааст, зеро дар натиҷаи таҳқиқоти илмии олимони соҳаи педагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми илм –

квалиметрия ташаккул меёбад, ки тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки рушди илм, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаи педагогика мусоидат менамояд. Ҳамзамон, муайянсозии вазъи таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурӣ, мушаххассозии мушкилоти мавҷуда ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли онҳо, ки дар таҳқиқот сурат гирифтааст, мубрамии мавзуи таҳқиқоти довталабро тақвият мебахшад.

Дар диссертатсия ихтилоф байни талаботи ҷомеа ба сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва мавҷуд набудани заминаи илман асосноки назариявӣ-методологӣ ва иттилоотӣ барои анҷом додани онҳо ошкор карда шудааст, ки он низ аз аҳаммияти коркарди масъалаи илмӣ дар таҳқиқоти Раҷабзода М. дарак медиҳад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти тақризшаванда** бо он муайян карда мешавад, ки дастовардҳои онро мавриди истифода қарор дода, методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи квалиметрия такмил меёбад, барои рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ консепсияи мушаххас таҳия ва пешниҳод мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда ба муҳаққиқон аз рӯйи ихтисосҳои соҳаи илмҳои педагогӣ тавсияҳои мушаххаси илмӣ дода шудаанд. Пешниҳодҳои довталаб оид ба коҳиш додани сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ, метавонанд дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии равияи омӯзгорӣ ба назар гирифта шаванд. Нуктаҳо ва натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои зикршуда мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Дар диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзия аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар ин самт диссертант арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогии олимони тоҷикро тавассути маҷмуи меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии дурнамои рушди таҳқиқоти педагогиро ба ҳайси

ҳадафи илмӣ қарор дода, вазифаҳои мушаххас гузоштааст ва онҳоро дар бобу фаслҳои дахлдлори диссертатсия ба иҷро расонидааст.

Фарзияи диссертант оид ба он, ки таъмини самаранокӣ ва сатҳи баланди сифати таҳқиқоти муосири илмӣ-педагогӣ бо омилҳои зерин муяссар мегардад, бо натиҷаҳои назариявию амалии бадастомадаи муаллиф дар диссертатсия тасдиқи худро ёфтаанд:

- раванди ташаккулёбӣ ва тамоюлҳои асосии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шуда ва дар ин замина вазъи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ гашта, камбудиҳои хоси методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсионӣ, ки аз методологияи пешниҳодшуда ва татбиқи он дар раванди таҳқиқот тафовут доранд, ошкор карда шаванд;

- меъёрҳои асосии квалиметрии арзёбии муҳиммият, сифату шумораи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ коркард шуда, дар заминаи тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои фаъолияти илмии муҳаққиқони тоҷик дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон саҳми воқеии онҳо дар рушди педагогикаи ватанӣ муқаррар карда шавад;

Таҳлили муҳтавои бобҳои рисола ва фаслҳои он нишон медиҳад, ки фарзияи илмии диссертант аз татбиқ ва мақсади гузошташуда дар таҳқиқот ба даст омадааст. Аз ҷумла, дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он**» моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ, квалиметрия самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ ва масъалаҳои дигари дахлдор мавриди баррасӣ карор гирифтаанд. Дар зербоби якуми диссертатсия муаллиф ба чунин хулоса расидааст, ки таҳқиқоти педагогӣ ҳамчун раванди махсуси ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ, «қабл аз ҳама, таҳқиқи методу усулҳои дар ин раванд истифодашуда ва ба масъалаҳои мубрами соҳа рабт доштан ё надоштанро талаб мекунад. Ҳамзамон, арзёбии намуд ва шаклҳои асосии фаъолият дар

таҳқиқоти педагогӣ муҳим буда, байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми аввалиндарача дорад» (Диссертасия, с. 37).

Муаллифи диссертатсия ба хулоса расидааст, ки қаноатманд набудан аз сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ водор менамояд, ки роҳу воситаҳо ва муносибати навро ҷустуҷӯ ва дарёфт намуда, тасаввуротро оид ба таъинот ва нақши диссертатсияи педагогӣ тағйир диҳем. Барои расидан ба ин ҳадаф муайян намудани тамоюлоти методологии арзёбии сифати таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи дастовардҳои квалиметрия, ки ҳамчун воситаи рушди илмҳои педагогӣ хизмат мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар диссертатсия таҳлили моҳияти квалиметрия ва методҳое, ки зимни истифода аз он барои арзёбӣ, таҳқиқ ва баррасӣ ба кор бурда мешаванд, нишон дода шуда, он ҳамчун самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ баҳогузорӣ гардидааст, ки метавонад дар натиҷаи арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои рушди таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия», ки аз ҷониби диссертант коркард шуда, дар бобҳои дахлдори таҳқиқот истифода шудааст, барои муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар боби дуюми кор - **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон»** таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он, инчунин квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ сурат гирифтааст. Дар ин боби рисола таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар ҷумҳурӣ дар мисоли ниҳодҳои дигари илмӣ низ гузаронида шудааст. Доир ба ин мавзуъҳо муҳаққиқ барҳақ хулоса намудааст, ки ҳамаи масъалагузориҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки зимни таҳқиқоти педагогӣ аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ ба иҷро расидаву пешниҳод гардидаанд, «собит месозанд, ки таҳқиқоти педагогии анҷомдодаи онҳо, на танҳо барои таҳкими асосҳои назариявию амалии педагогикаи муосир, балки

барои муайянсозии дурнамои рушди он низ аҳаммияти назаррас доранд» (Диссертатсия, с. 190). Ҳамзамон, аз ҷониби диссертант андешидани тадбирҳои дигари иловагӣ зарур шумурда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия - **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертатсионӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳқиқоти дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он анҷомдодашуда, фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар назди ҳамин академия бахшида шудааст.

Миқдори зиёди диссертатсияҳои педагогиро дар ниҳодҳои гуногун аз таҳлили мавзуӣ, сохторӣ, аҳаммиятнокӣ ва меъёрҳои дигар баррасӣ намуда, дар рисола қайд шудааст, ки «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» самаранок буда, истифодаи он ба болобарии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, истифода аз «Таҳлили квалиметрии ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние имкон дод, ки фаъолияти аъзои шуроҳои диссертатсионӣ ҳамасола дар асоси таҳлили квалиметрӣ ва илмсанҷӣ воқеъбинона аз ҷониби коршиносон ва мақомоти аттестатсияи кадрҳои илмӣ баҳогузорӣ карда шавад» (Диссертатсия, с. 281).

Боби чоруми диссертатсия - «**Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** фарогири таҳлили масъалаҳои ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ ҳамчун марҳалаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ ва мавҷудияти бархе аз мушкилот мебошад.

Дар ин қисмати диссертатсия таъкид гардидааст, ки тадбирҳои бағоят куллӣ барои рушди илму маорифи кишвар, ки дар солҳои соҳибистқлолӣ

андешида шуданд, баислоҳоти соҳа ва гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот, инчунин ба ислоҳоти низоми тарбияи кадрҳои илмӣ ва таъсиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд, ки ҳар ду тадбир ҳам қадамҳои устувор ва оғози марҳалаи сифатан нави рушди илм дар кишвар буданд.

Довталаб таҳлили квалиметрии қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва амсоли онро таҳлил намуда, дар диссертатсия собит кардааст, ки дар ҷумҳурии мо «самтҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худ то ҳол мавриди таҳқиқоти комплексии инфиродӣ ва дастаҷамъонаи педагогӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳия ва амалисозии консепсияи рушди илмҳои педагогӣ барои давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ ба таври густурда бояд инъикос ёбанд, як амри зарурӣ буда, метавонад дурнамои рушди илмҳои педагогиро равшан созад.

Ба андешаи диссертант, барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажуҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот, таъсири паёмадҳои таҳаввулоти ҷаҳони муосир ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим, татбиқи технологияҳои муосири таълиму тарбия, идома додани таҳқиқи мероси педагогии ниёгони халқи тоҷик, ҷалби таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба проблемаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва самту равияҳои нави педагогикаи миллӣ-валеология, квалиметрия, библиометрия, менеҷменти илму маориф ва амсоли инро эътироф намоем» (Диссертатсия, с. 361-362).

Дар хулосаҳои фаслҳо ва бобҳои диссертатсия, хулосаи ҷамъбастӣ ва тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ мушоҳида мегардад, ки муаллиф кори илмии пурарзиш ва мубрамро дар илми педагогикаи ватанӣ ба анҷом расонидааст. Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертант дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ки дар диссертатсия инъикос ёфта, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба тасвиб расида, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, АТТ, ПРМ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия бо он муайян мегардад, ки ба интихоби равишҳои методологӣ мухолифат надошта, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили квалиметрӣ, таъмин гардидааст. Нуктаҳои асосие, ки дар диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, бо истифода аз қиёси далелу рӯйдодҳо озмуда шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Раҷабзода М. дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» бори аввал дар таърихи илми ватанӣ ба масъалаи матраҳшуда бахшида шудааст. Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки аввалин маротиба таҳқиқоти педагогии олимони тоҷик дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, бори нахуст таҳлили илмии раванди

ташаккули низоми меъёрҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, таҳқиқ, мушаххасгардонии масъалаҳои соҳавӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ ба анҷом расонида шудааст. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогиро коркарда намуда, матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсияро пешниҳод намояд.

Таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ, ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия низ аз зумраи навгониҳои диссертатсия ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия дар бораи мунтазам аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидани фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон, дар ҷумҳурӣ таъсис додани маркази махсуси квалиметрӣ, таҳия ва татбиқи консепсияи рушди илмҳои педагогӣ, тибқи талаботи ҷаҳони зудтағйирёбанда мунтазам такмил додани низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика ва амсоли он низ на танҳо мубрамият, навгонӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти гузаронидашударо нишон медиҳанд, балки аҳаммияти назариявию амали натиҷаҳои он ва нуктаҳои илмиеро, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, бозгӯйӣ мекунанд.

Таҳқиқоти мазкур ба низоми муқаррароти илмӣ, назарияҳои илмӣ ва принсипу равишҳои баррасии педагогӣ такя намуда, дар пажӯҳиш диссертант аз дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, олимону мутахассисони хориҷӣ истифода намудааст. Ҳамзамон, асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумипедагогӣ ва квалитологӣ ташкил медиҳанд, ки барои таҳлили адабиёт оид ба проблемаҳои таҳқиқот, баҳисобгирии мавзуъ, шумораи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва падидаҳои ба онҳо алоқаманд, муайян намудани моҳияти нишондиҳандаҳои сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ аз ҷониби шуроҳои диссертатсионӣ, муқоисаи мушаххаси баъзе нишондиҳандаҳои сифатӣ ва

шуморавии диссертатсияҳо бо меъёрҳои расмии арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва амсоли он истифода гардидаанд. Ҳамаи ин аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомдодашударо равшан ва саҳеҳ инъикос менамояд.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот, ки ба ҳайси он маълумоти омории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, АТТ, КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, шуроҳои диссертатсионӣ оид ба педагогика дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон хизмат намудаанд ва ба ҳайси такягоҳи эмпирикӣ хизмат намудани хулосаҳои таҳлили оморӣ ва квалиметрии осори илмӣ-педагогӣ, ташхисҳои экспертии диссертатсияҳо ва дигар таҳқиқоти педагогӣ, инчунин, ҷамъбасти фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва хулосаҳои масъулони арзёбии он аҳаммияти амалии диссертасияро таъмин сохтаанд. Илова бар ин, чунонки болотар ҳам зикр гардид, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии равияи омӯзгорӣ, шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои зикршуда мавриди истифода қарор ёбанд.

Навгониҳои диссертатсия, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, ки дар тамоми бобу фаслҳои кори илмӣ дида мешаванд ва дар нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инъикос ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки муаллифи он сазовори дараҷаи илмии дархостшаванда ҳисобида шавад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ Раҷабзода Маҳмадулло номзади илмҳои педагогӣ буда, оид ба ин дорандаи дипломи намунаи давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби Федератсияи Россия ба тасвиб расидааст.

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ

аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии квалификатсионӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки маҷмуан онҳоро ҳамчун дастоварди илмӣ, ки аҳаммияти иҷтимоӣ доранд, тавсиф кардан мумкин аст. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада метавонанд дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар саҳм гузоранд.

Таҳлили муҳтавои диссертатсияи Раҷабзода М. нишон медиҳад, ки он аз нуқтаи назари баёни масъалаҳои бунёдии илми педагогика, маводи баррасишуда ва илман асоснок будани тарзу услуби гузориш ва ҳалли масъалаҳо кори мукаммали илмӣ мебошад. Сатҳи баланди илмӣ дар инъикоси масъалаҳо, робитаи мантиқии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, баёни хулосаву тавсияҳои муаллиф зимни таҳқиқоти диссертасионӣ ба пуррагӣ таъмин гардидааст. Бо эътимоди комил метавон таъкид намуд, ки диссертатсияи тақризшаванда кори илмии пурарзиш ва асил дар педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар таҳқиқоти тақризшаванда якчанд норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Рисола ба таҳлили диссертатсияҳои ҳам дар шуроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар шуроҳои диссертатсионии Федератсияи Россия дар соҳаи илмҳои педагогӣ ҳимояшуда бахшида шудааст. Аммо дар саҳифаҳои 46-48 диссертатсия талабот ба шуроҳои диссертатсионӣ, муҳтаво ва шакли диссертатсияҳо танҳо дар мисоли санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, санадҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мадди назари муаллифи рисола андаке дур мондаанд.

2. Дар саҳифаи 125 диссертатсия дастовардҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2020 мавриди таҳлил қарор

гирифтаанд. Хуб мебуд, агар нишондиҳандаҳои солҳои 2021-2022 низ дар ин муассисаи илмӣ-педагогӣ таҳқиқ карда мешуданд.

3. Дар зербоби 2.3. диссертатсия нишон дода шудааст, ки муаллиф таҳлили квалиметрии самтҳои асосии таҳқиқоти мавзуии педагогиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли таҳқиқоти ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ ва баъзе муҳаққиқони алоҳида анҷом додааст. Аммо, мутаассифона, тамоми таҳқиқоти педагогии таҳлилшуда танҳо ба ходимони илмии ду муассисаи мазкур дахл доранд.

4. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия баъзе ноқисиҳои услубии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи омӯзгорон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

Ба ҳамин тариқ, интихоби мавзуъ, гузориш ва ҳалли мушкилоти асосии дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» гузошташуда тарзи нави таҳқиқот аз нигоҳи илми муосири педагогӣ буда, муҳтавои он дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дорад. Диссертатсия бо забон ва услуби баланди илмӣ навишта шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мақсади гузошташуда ба даст омадааст, вазифаҳои дар пеш буда пурра иҷро шудаанд, хулоса ва тавсияҳои муаллиф аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок гардидаанд. Автореферат ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос намудааст. Дар монография ва мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба тамоми талаботи мавҷудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии дархостшуда аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: **«тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.** Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра таҳти рақами 9В аз 26-уми майи соли 2023.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
Мудири кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгор: **Бобоева Г.Ш.**

**ЭКСПЕРТ:**
профессори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Абдураҳимзода Қ.С.**

Котиби илмии ҷаласа, н.и.п.,
саромӯзгори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Қурбонов Ф.А.**

*Имзоҳои «Г.Ш. Бобоева, Қ.С. Абдураҳимзода ва Ф.А. Қурбонов» - ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДБ ба номи
Носири Хусрав»: Шукурзод Ҷ.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
Сомона: http://btsu.tj/
E-mail: ktsu78@mail.ru
05.06.2023с